# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-069 назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Парвандаи аттестатсионии №
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 20.12.2023, № 8

Барои сазовор донистани Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)

Диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-069-и назди Донишгоҳи давлати омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (734003, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми декабри соли 2022, таҳти №308) 11-уми октябри соли 2023, суратмаҷлиси №4 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич 7-уми декабри соли 1993 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2015 факултети забонҳои Шарқи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода)-ро бо ихтисоси тарҷумони забони арабӣ “тарҷумон” ва соли 2017 шуъбаи магистратураи донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси “забон ва адабиёти тоҷик” бо дипломи “аъло” хатм намудааст. Соли 2017 ба шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) дохил шуда, соли 2020 онро бомуваффақият хатм намудааст. Аз соли 2020 ба ҳайси ассистенти кафедраи филологияи Шарқи назди факултети забонҳои Осиёи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (ҳоло Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода) то соли 2022 кор ва фаъолият намудааст. Аз соли 2022 то ҳол дар кафедраи филологияи Шарқи назди факултети забонҳои Осиёи донишгоҳи мазкур ба ҳайси муаллими калони кафедра кор карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илми филология, профессор Қурбонзода Рухшона Қурбон.

**Муқарризони расмӣ:**

- Раҷабова Марҳабо Тӯхтасуновна – доктори илми филология, дотсент, мудири кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

- Додихудоев Раҷабалӣ Муҳаммадиевич – номзади илми филология, мудири кафедраи забони тоҷикӣ ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **ба диссертатсия тақризи мусбат** пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар –** Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби Салимӣ Носирҷон, сарходими шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, Юсуфов Умриддин, мудири шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илми филология, Давлатова Холида, котиби илмии ҷаласа – ходими хурди шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, номзади илми филология ва имзою муҳри Шарифзода Фарангис, директори муассиса, доктори илми филология, профессор пешниҳод шудааст, қайд гардидааст, ки диссертатсияи Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) дар мавзуи «Илё Абумозӣ ва таъсирпазирии ӯ аз рубоиёти Умари Хайём» ба талаботи бандҳои 31-37-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо дарназардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 4 мақола дар маҷаллаҳои

тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд:

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Сайфуллоев М.Ҳ. Илё Абумозӣ шоири барҷастаи «Маҳҷар» / М.Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. №1 (73). – С.144-147.

[2-М]. Сайфуллоев М.Ҳ. Нигоҳе ба омӯзиши Хайём дар кишварҳои арабӣ / М.Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. №5-1 (77). – С.173-178.

[3-М]. Сайфуллоев М.Ҳ. Таҳаввули маонии рубоиёти Умари Хайём дар қасоиди Илё Абумозӣ / М.Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. №4. – С.211-216.

[4-М]. Восиева Р.Қ., Сайфуллоев М.Ҳ. Эҷодиёти Илё Абумозӣ ва хусусиятҳои он / Р.Қ. Восиева, М.Ҳ. Сайфуллоев // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2022. №6 (101). – С.143-158.

Ба шурои диссертатсионӣ оид ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ворид шудаанд:

**1.** Тақризи Очилова М.О., доктори илми филология, дотсенти кафедраи забонҳои форсӣ ва хитойии факултети забонҳои Шарқи Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров ва Ҳикматшоҳ Ҳ.К., номзади илми филология дотсенти кафедраи филологияи араби Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров мусбат буда, дар он ба автореферати диссертатсия як эрод гирифта шудааст:

- ба андешаи мо, ҳарчанд дар қисмати дараҷаи омӯхташавии мавзуъ муаллиф маводи фаровонеро дар бораи пешинаи таҳқиқи мавзуъ баррасӣ кардааст, аммо ба назар мерасад, ки ҳанӯз корҳои дар ин замина муаррифинашуда дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ мавҷуданд, ки бояд ба онҳо руҷуъ намояд.

**2.** Тақризи Таваккалов Ҳ.С., номзади илми филология, дотсенти кафедраи адабиёт ва санъати Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев низ мусбат буда, дар он эроду пешниҳодҳои зерин манзур шудаанд:

- аз таҳлилҳои диссертант бармеояд, ки ӯ аз маълумоти донишмандони тоҷику рус зиёд истифода бурдааст, аммо мавриди зикр аст, ки дар солҳои охир аз ҷониби муҳақиқони амрикоӣ, олмонӣ, эронӣ ва дигар кишварҳои хориҷӣ роҷеъ ба робитаҳои адабии мамолики араб корҳои илмӣ дар шакли мақола омодаи чоп шудаанд, диссертант метавонад, аз таҳқиқоти онҳо ҳам чанд нуктаҳои марбут ба пажуҳишаш вориди рисола намояд;

- дар матни фишурда баъзан ғалатҳои техникӣ дар саҳифаҳои 4, 5, 10, 12 ва 15 дида мешавад.

**3.** Дар тақризи Раҳмонов М.А. номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи мутолиоти Шарқи факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба дастовардҳои довталаб ва аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ таъкид гардида, ба автореферат ду эрод манзур шудааст:

- дар саҳифаи 16, 18 бо ғалатҳои имлоӣ вохӯрдан мумкин аст;
- хуб мешуд дар автореферат порчаҳои шеърии арабӣ дар шакли транскрипсия оварда мешуд.

**4.** Тақризи Асозода Ҳ.Р., номзади илми филология, дотсенти кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ, директори генералии Муассисаи давлатии “Муҷтамаи ҷумҳуриявии осорхонаҳои Кӯлоб” дар маҷмуъ мусбат буда, дар он ду эрод зикр шудааст:

- фасли дуюми боби дуюм қисман ба тарҷумаи қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ ихтисос дошта, хуб мешуд ин мавзуъ васеътар таҳлилу баррасӣ мегашт;
- баъзе тарҷумаҳои абёти арабӣ ба таҳрир ниёз доранд (масалан, саҳ. 17, 19).

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:

- унвонҷӯ Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич тавъам бо иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқотии маъмул ба омӯзиши таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Умари Хайём пардохта, кори илмии аз нигоҳи адабиётшиносӣ арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- бори нахуст дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таҳқиқи густурдаи таъсири рубоиёти Хайём ба эҷодиёти Илё Абумозӣ, омӯзиши рӯзгору фаъолияти эҷодии Илё Абумозӣ, ҷойгоҳи адабии ӯ дар зуҳур, шаклгирӣ ва таҳаввули адабиёти «Маҳҷар», авҷ гирифтани ҷараёни романтизм дар адабиёти муосири араб ва таъсири афкори намояндагони адабиёти форсии тоҷикӣ, ба вижа Умари Хайём дар фарҳангу маънавиёти араб **мушаххас шудааст**;
- баррасии вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ-адабии замони зиндагии Илё Абумозӣ ва таҳқиқи аҳволу осори Илё Абумозӣ ҳамчун намояндаи барҷастаи адабиёти «Маҳҷар» ва муайян кардани ҷойгоҳи Илё Абумозӣ дар зуҳур, шаклгирӣ ва таҳаввули адабиёти «Маҳҷар» мавриди таҳқиқи густурдаи монографӣ **қарор гирифтааст;**
- таъсири адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумла навъи рубоӣ дар мисоли рубоиёти Умари Хайём ба адабиёти араб **собит шудааст**;
- сабк ва хусусиятҳои адабии рубоиёти Умари Хайём ва ашъори Илё Абумозӣ **муайян гардидааст;**
- рубоиёти Умари Хайём ва таҳаввули ҷараёни романтизм дар адабиёти асри XX араб ва ташхиси зуҳуроти суннатҳои адабӣ ва фарҳангии форсии тоҷикӣ дар адабиёти муосири араб **мушаххас шудааст**;

- таъйини муқоисавии қасидаи «Талосим»-и Илё Абумозӣ ва таъсири андешаҳои Хайём ба он ва муайян кардани таъсири афкори фалсафӣ, риндӣ, майгусорӣ ва озодандешии Умари Хайём ба ашъори Илё Абумозӣ аз бозёфтҳои муҳимми диссертатсия **ба шумор меравад**.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқ ба он асоснок карда шудааст,** ки натиҷаҳои бадастомада барои баррасию таҳлили масъалаҳои мухталифи адабиётшиносиву шарқшиносӣ, махсусан, омӯзиши таъсири мутақобилаи фарҳангу забон ва адабиёти арабу форсии тоҷикӣ, таъсири афкори Умари Хайём ба Илё Абумозӣ, вижагиҳои сабку маҳосини бадеии ашъор ва таъсири Хайём ба эҷодиёти шоири араб, мазомини муштараки ашъори Хайём ва Илё Абумозӣ, шуҳрати Умари Хайём дар фарҳангу адабиёти араб мусоидат хоҳанд кард. Диссертатсия барои муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқи ашъори Умари Хайём ва таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз адабиёти форсии тоҷикӣ мепардозанд, маводи фаровони илмӣ дода метавонад.

Дар диссертатсия тарзу усул ва шеваву равишҳои гуногун, аз ҷумла таҳқиқи муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили таърихӣ-типологӣ муназзам истифода шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешаванд, ки** маводи манзуршуда натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар таълифи минбаъдаи осори илмии доир ба робитаҳои адабӣ, таҳия ва нигориши китобҳои дарсӣ оид ба таърихи адабиёти тоҷику араб, таърихи адабиёти арабизабони мардуми форсу тоҷик барои риштаҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ҳамчунин барои хондани курсҳои махсуси лексия аз таърихи адабиёти арабизабони форсу тоҷик, таърихи тарҷума, равобити адабии арабиву форсу тоҷик ва назарияи адабиёт истифода шавад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои** таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиётшиносони хориҷию ватанӣ истифода шудааст. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқии маълумот, мутобиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқ пешниҳод гардидаанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷа ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Тарҳ, баррасӣ ва коркарду таҳлили мавзуи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Саҳми фардии муҳаққиқ дар омӯзиш ва баррасии дақиқи таъсипазирии Илё Абумозӣ аз рубоиёти Умари Хайём дар адабиёти тоҷику араб, ҷамъоварии маводи зиёди сарчашмаҳо ва таҳлилу муайян намудани мушаххасоти онҳо, омӯзиши назарияҳои донишмандони ватанию хориҷӣ дар робита ба мавзуи таҳқиқ ва муқоисаи онҳо, омода намудани мақолаю маърузаҳо ва нашри онҳо доир

ба мавзуи диссертатсия зоҳир мегардад. Мавзуи мазкур бори нахуст дар адабиётшиносӣ ва шарқшиносии тоҷик масъалаи таъсирпазирии Илё Абумозӣ аз ашъори Умари Хайём ҳамаҷониба мавриди таҳқиқ қарор гирифта, нақду баррасии маводи фаровони илмию адабӣ вобаста ба фаъолияти Илё Абумозӣ фароҳам оварда шудааст.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-069-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ аз 20 декабри соли 2023 дар бораи сазовор донистани Сайфуллоев Муслиҳиддин Ҳайбуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 12 нафар, аз ҷумла 5 нафар доктcorrect илм аз рӯйи ихтисоси 6D021400 – Адабиётшиносӣ (6D021403 –Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 12 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 12 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Салихов Ш.А.

И.в., котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Қосимӣ С.А.

20.12.2023